**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба авторефирати диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Соҳаи коммуналӣ чунин сохти муҳити моддӣ-технологиеро мефаҳмонад, ки дар он тамоми қисмҳои он низоми ягонаи тақсимнашударо дар назар дорад ва бидуни таҳдиди таҷзияи он наметавонанд мустақил гарданд. Вазифаҳо доир ба нигоҳдорӣ ва рушди инфрасохтори коммуналиро одатан на маҷмӯи субъектони хусусии манфиатҳои хешро амалисозанда, балки давлатии манфиати ҷамъиятиро ифодакунанда иҷро мекунад, ки низоми дахлдори идоракуниро ташкил медиҳад ва тавассути мақомотҳои марказии идоракунӣ қоидаҳои умумии истифодаи инфрасохтори коммуналиро барои ҳамаи субъектони хоҷагидор муайян мекунад.

Дар хоҷагидории манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи коммуналӣ дар мавҷудияти низоми ягонаи таъминоти ҳаёт барои қисми асосии фонди манзил зоҳир мегардад. Тарроҳии ин низомҳо чунин ба роҳ монда шудааст, ки дар ҳар як қитъа стандартҳои муқарраршудаи хизматрасонӣ ва шароитҳои ягонаи истифодабарӣ нигоҳ дошта мешаванд. Низомҳои коммуналӣ истеҳсолоти муттасили

хизматрасонии коммуналиро ба миён меоранд. Бо вуҷуди ин, сохтори он баъзе саҳеҳиро талаб мекунад.

Аз гуфтаҳои болозикр бармеояд, ки институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ яке аз масъалаҳои умдаи ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб рафта, омӯзиши пурра ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Ба ин минвол, ба роҳ мондани як қатор чораҳои судманд ва зарурӣ дар ин самт, ки метавонад роҳи ҳалли камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта шавад, инчунин баҳри боз ҳам ривоҷу равнақ бахшидани соҳаи мазкур таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Атаев А.С мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ фаро гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

1. Дар қисмати саҳифаҳои 17-18 автореферат муаллиф зербоби якуми боби дуюмро инъикос намудааст, ки асосан мавқеи муҳаққиқонро фарогир буда андешаи диссертант кам мушоҳида мешавад.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Мазмун ва

мухтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт
ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Шарифзода Ф.Ш.

Имзои Ф.Ш.Шарифзодаро
тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ ДМТ
“04” 04 2025с Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17,
телефон: (+992 -37) 221-62-25;
(+992 -37) 227 -15-10;
Факс: (+992-37) 227-15-10 E-mail: mfo@tnu.tj